# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи илмии Усмонзода Зариф Ҷумъа дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Усмонов Зариф Ҷумъа соли 2003 факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз рӯи ихтисоси омӯзгори забонҳои англисӣ ва русӣ хатм кардааст. Баъди хатми донишкада дар Коллеҷи технологӣ ва инноватсионӣ дар шаҳри Панҷакент дар вазифаҳои омӯзгор, ҷонишини директор оид ба корҳои таълим, и.в директори коллеҷ фаъолият намуда, айни замони дар вазифаи мудири шуъбаи Коллеҷи технологӣ ва инноватсионӣ дар шаҳри Панҷакент мебошад ва ҳамзамон, аз фанни “Этика ва эстетика” дарс медиҳад.

Мавзуи интихоб намудаи уновҷӯ дар он ифода меёбад, ки таваҷҷуҳи махсуси муҳқиқонро ба яке аз масъалаҳои муҳим барои илми педагогикаи, аз он ҷумла педагогикаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳамзамон таҷрибаи кори муассисаҳои таҳсилотиву фарҳанги ҷумҳурӣ дар тарбяи эстетикӣ ҷалб кардааст. Далели асосӣ барои асоснок намудани мавзуи интихобшудаи муҳақиқ, ин мавҷуд будани маводи назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи таҳқиқотӣ мебошад.

Пеш аз аз ҳама ҳадафи асосии рисолаи диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки тавассути ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳои самти фаъолияташон техникӣ, муаллиф ҷиҳати ҳалли масъалаҳои такмили фаҳмиши зебоипарастӣ ва ҷалб намудани донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ, муносибати онҳо ба донишандӯзӣ, арзишҳои фарҳангӣ, фаъолияти техникӣ куллан дигар карда шавад. Фазои мафкуравӣ ва ҳаёти иҷтимоии онҳо тавассути таъсиррасонии педагогӣ ба равандҳои тарбияи эстетикӣ, муносибат ба муҳити зебоӣ дигаргун сохта шавад.

Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас ва ҳамоҳангсозии ниҳодҳои ҷомеа дар иҷрои вазифаҳои тарбияи эстетикӣ аҳаммияти махсус дода, қайд мекунад, ки шахси комили дорои тафаккули сатҳи баланд ва аз ҷиҳати маърифати эстетикӣ ташаккулёфта ба воя расонида шавад. Вобаста ба ин, ҳамкории мутақобилаи мактаб, ҷомеа, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои фарҳанг бояд таъмин карда шавад.

Дар диссертатсия ҷанбаи педагогии ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишшҷӯён, барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии онҳо, шароитҳо ва механизмҳои фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ асоснок карда шуда, зикр мегардад, ки дар фаъолияти амалӣ, чи тавре, таҳқиқот нишон медиҳад, номувофиқатии байни имкониятҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои ҷомеа ва аз тарафи онҳо самаранок истифода набурдани неруи арзишҳои эстетикӣ ба назар мерасад, ки ин мушкилот боиси интихоби предмети таҳқиқот гардидааст.

Бинобар ин, предмети таҳқиқотро маҳз ҳамгироии ду ниҳоди муҳими тарбияи эстетикӣ – коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ташкил додааст.

Унвоҷӯ ҷиҳати ҳаматарафа ошноӣ пайдо намудан ба паҳлӯҳои мухталифи проблемаи таҳқиқоти илмӣ адабиёти зиёди илмӣ-педагогӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ, назария, ташкил ва методикаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангиро омӯхта, таҳлил намуда, хулосаҳои илмӣ баровардааст.

Вазифаҳои ба миён гузошташуда дар заминаи таҳқиқоти педагогӣ иҷро карда шуда, тавассути таҳияи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Диссертант зимни навиштани кор аз методҳои илмии иҷтимоиётшиносӣ ва педагогӣ, воқеияти илмӣ, таҳлил ва баррасии вазъи таҷрибаи амалии кори коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ васеъ истифода бурдааст. Дар баробари ин, асоси таҳқиқоти мазкурро озмоиши таҷрибавӣ ташкил медиҳад, ки барои муайян намудани вазъи корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар шаҳрҳои аз ҷиҳати аҳолӣ камшумор ва аҳаммияти онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ кумак расонидааст.

Диссертатсия аз се боб, шаш параграф иборат буда, дар он муфассал масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳои самти фаъолияташон техникӣ ва муассисаҳои фарҳанг таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Саҳми унвоҷӯ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки ӯ масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангро дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, дар мисоли коллеҷҳои техникӣ бори аввал мавриди омӯзиш қарор дода, кӯшиш намудааст оид ба ин мавзуъ роҳҳои такмили фаъолияти тарбиявиро баррасӣ ва барои кормандони ин соҳаҳо таклифҳои мушаххаси илмӣ-методӣ пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои унвонҷӯ дар мақолаҳои илмии интишорнамудаи ӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ, маҷаллаҳои соҳавии ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баён ёфта, нашр гардидаанд. Дар ҳаммуаллифӣ як монография низ чоп шудааст.

Дар давоми омода намудани диссертатсия Усмонзода Зариф Ҷумъа ҷиддият, қобилияти кордонӣ, серғайратӣ, ташкилотчигӣ, масъулиятнокӣ

ва мустақилияти баланд нишон дода, масъалаҳои ҳалношудаи тарбиявӣ-эстетикии донишҷӯёро дар коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҳаллу фасл намудааст.

Дар умум, Усмонзода З.Ҷ. ҳамчун олими аз ӯҳдаи ҳалли вазифаҳои мубрами тарбиявӣ-эстетикӣ мебаромада арзёбӣ намудан мумкин аст.

Рисолаи Усмонзода З.Ҷ. ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дифоъ ба Шурои диссертасионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
ва гуманитарии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Латифзода Диловар Назришоҳ

05.01.2026

Имзои Д.Н.Латифзодаро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Иброҳимзода Юсуф Абдураҳим

РАЁСАТИ КАДРҲО